Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 – и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, (734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Саноатикунонии мамлакат яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб рафта, дар сатҳи минтақа, ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфта истодааст.

Маҳз рӯзмарра ва ҳалталаб будани масъалаи мазкурро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба назари эътибор гирифта, дар Паёми солонаи худ, санаи 21 декабри соли 2021, пешниҳод намуданд, ки солҳои 2022 - 2026 Солҳои рушди саноат эълон карда шавад.

Дар шароити пурзӯр шудани рақобат дар бозори минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, густариш ёфтани падидаҳои буҳронӣ дар низомҳои молиявӣ, афзоиш ёфтани таъсири манфии таконҳои берунӣ ва дар ин замина, ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ шудани муносибатҳои солҳо ташаккулёфта, зарурати маҳаллисозии истеҳсолот аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад.

Мушкилотҳои ҷойдошта, зарурати омӯзиши ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатиро дар минтақа ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи омӯзиши муаммои иқтисодӣ - иҷтимоии кишвар ба миён меоварад. Ҳамаи тафсирот ва далелҳои дар боло зикршуда мувофиқати мавзуи интихобкардаи диссертатсияро муайян намуда, мубрамӣ, рӯзмарра будан, аҳамияти амалӣ ва арзиши илмӣ доштани онро тасдиқ менамояд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки кластерҳои ҳудудию саноатӣ воқеан ҳам ба сифати омили рушди иқтисодӣ, баландбардории рақобатпазирӣ ва самаранокии истеҳсолоти саноатӣ баромад намуда, ҳамчунин дар ҳалли масъалаҳои шуғл, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтидори содиротии кишвар нақши калидӣ доранд.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Муаллиф вобаста ба шарҳи мафҳуми кластер ақидаҳои олимони хориҷию ватаниро дар автореферат дар шакли ҷадвал пешниҳод менамуд, хуб мешуд.

2. Ба манфиати кор мешуд, агар муаллиф дар автореферат нишондиҳандаҳои содиротӣ ва воридотии маҳсулотҳои саноатии вилояти Суғдро таҳлил намуда, онро дар шакли ҷадвал пешниҳод менамуд.

Пешниҳоди баррасигардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ, кори илмии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва бо пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ инъикос менамояд. Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатии минтақаро ифода менамояд.

Умуман, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Нуруллоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи актуалӣ иҷро карда шуда, ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёт минтақавӣ ва ҳудудӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.